Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-126 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Суроға:734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17).

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ Чиллаев Сулаймон Нажмуддинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба тарбияи факултети молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи "Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900–Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз)

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Кори диссертатсионӣ аз рӯйи ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои бадастомада ба бандҳои зерини шиносномаи феҳрести ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мутобиқ мебошад: 1.1. Равандҳои методологию ташкилии ташаккулёбии низоми молиявӣ; 1.2. Сохторҳои низоми молиявӣ ва мақомоти идоракунии низоми молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири низоми молиявӣ ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ; 1.5. Ниҳодҳои молиявӣ: назария, методология, қонуниятҳои рушд ва такмили идоракунӣ; 2.2. Танзими молиявии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; 2.7. Асосҳои консептуалии муносибатҳои байнибуҷетӣ ва танзими буҷетӣ; 2.10. Назария ва таҳлили низоми молияи давлатӣ; 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 11.7. Танзими давлатии ниҳодҳои қарзию молиявӣ.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки бо тағйирёбии муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, ҷаҳонишавӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, таҳаввулоти бозорҳои молиявӣ ва афзоиши номуайяниҳои иқтисодӣ тавсиф мегардад, масъалаи такмили низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ аҳаммияти махсус пайдо менамояд. Дар чунин шароит таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати рӯ ба инкишоф дар марҳилаи муосир ба зарурати ташаккул ва такмили механизмҳои самараноки танзими молиявии иқтисодиёт рӯ ба рӯ мебошад. Зеро рушди устувори иқтисодиёти кишвар пеш аз ҳама аз самаранокии сиёсати молиявию буҷетӣ, сатҳи рушди низоми бонкӣ, фаъолияти бозори молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ, идоракунии қарзи давлатӣ ва истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ вобастагии мустақим дорад. Дар шароити имрӯза нақши танзими молиявии давлатӣ дар таъмини рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, дастгирии соҳибкории хурду миёна, рушди инфрасохтори истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ торафт меафзояд. Аз ин лиҳоз, таҳияи механизмҳои муосири танзими ҷараёнҳои молиявӣ, такмили сиёсати андозу буҷет, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ аҳаммияти муҳимми илмию амалӣ дорад.

Ҳамзамон, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор омилҳо ва мушкилоти молиявию иқтисодӣ, аз ҷумла маҳдуд будани имкониятҳои захиравии буҷети давлатӣ, зарурати диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ, вобастагӣ аз интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, нобаробарии рушди минтақаҳо, зарурати тақвияти иқтидори сармоягузорӣ ва таъсири омилҳои беруна рӯ ба рӯ мебошад. Ин ҳолатҳо зарурати таҳқиқи амиқи хусусиятҳо, самтҳо ва механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти кишварро ба миён меоранд.

Мубрамияти мавзуи мазкур инчунин бо зарурати мутобиқ намудани механизмҳои танзими молиявӣ ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ, истифодаи технологияҳои муосири молиявӣ, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии идоракунии захираҳои молиявӣ ва таҳкими шаффофияти низоми молиявии давлатӣ алоқаманд мебошад. Дар ин замина, баланд бардоштани самаранокии ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ, рушди бозори сармоя ва такмили механизмҳои маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад.

Бо вуҷуди амалӣ гардидани як қатор ислоҳоти иқтисодию молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии танзими молиявии иқтисодиёт, таъмини мувозинати даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, рушди низоми қарздиҳӣ ва истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ҳанӯз ҳам таҳқиқоти иловагии илмиро тақозо менамоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва амалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мушкилоти мавҷуда, таҳлили омилҳои таъсиррасон ва коркарди пешниҳодҳои илман асоснок ҷиҳати такмили механизмҳои танзими молиявӣ дорои аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкур бо зарурати такмили низоми танзими молиявии иқтисодиёти миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои

молиявӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир муайян карда мешавад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои мавҷудаи танзими молиявӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, самаранокии татбиқи онҳо дар шароити кунунии иқтисодӣ ҳамаҷониба таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Ҳамзамон, роҳҳои такмили механизми танзими молиявӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодиёт асоснок гардида, пешниҳодҳои дахлдор таҳия шудаанд. Натиҷаҳои бадастомада, ки навгонии илмии таҳқиқотро инъикос менамоянд, ба таври зерин ҷамъбаст гардидаанд (саҳ. 9-11):

- дар заминаи пажуҳиш ва таҳқиқи нуқтаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ (ҷадвали 1.1. саҳ. 18-19) ва инчунин назарияҳои мактабаҳои иқтисодӣ (ҷадвали 1.2. саҳ.22) муаллиф моҳияти иқтисодии танзими молиявиро ошкор сохта, шарҳи муаллифии худро пешниҳод намудааст: «танзими молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати иқтисодии давлат буда, ба таъмини устувории низоми молиявӣ, пешгирии буҳронҳо ва тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат менамояд». Ҳамчунин, аз ҷониби муаллиф модели консептуалии низоми танзими молиявӣ бо фарогирии назарияҳо, мақсадҳо, восита ва механизмҳо ва инчунин равишҳои методологӣ (расми 1.1. саҳ. 31) пешниҳод гардидааст.

- принсипҳо (расми 1.2. саҳ.38) ва усулҳои асосии низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёт (расми 1.3. саҳ. 42) муайян карда шуда, механизмҳои татбиқи онҳо ба таври мушаххас шарҳ дода шудааст. Муаллиф, илман собит намудааст, ки татбиқи дурусти принсипҳои зикршуда ва истифодаи оқилонаи воситаҳои гуногуни танзими молиявӣ барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтисодӣ, коҳиш додани хавфҳои эҳтимолӣ ва фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

- дар заминаи таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои оморӣ вазъи муосир ва тамоюлҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвалҳои 2.1–2.8, саҳ. 67–115) муайян шуда, асоснок карда шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии он зарурати ҳалли як қатор масъалаҳо, аз қабили таъмини шаффофияти бештар дар равандҳои молиявӣ, рушди иқтидори институтсионалӣ ва такмили инфрасохтори бозорҳои молиявӣ боқӣ мемонад. Маълум карда шудааст, ки танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли таҳаввул қарор дорад, аммо рушди устувори иқтисодӣ талошҳои бештарро ҷиҳати такмили заминаи ҳуқуқӣ ва татбиқи стандартҳои байналмилалӣ тақозо мекунад.

- самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими молиявӣ, аз ҷумла гузариш ба буҷетгузории барномавию мақсаднок, рақамикунонии назорат ва пардохтҳои ғайринақдӣ, тақвияти сиёсати макропруденсиалӣ (ҷадвали 3.1,

саҳ. 126) пешниҳод гардида, ки барои татбиқи амалии онҳо маҷмуи механизмҳои мушаххас бо истифода аз таҳлили коррелятсионӣ-регрессионӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст(саҳ. 156–169).

Вобаста ба таҳқиқоти анҷомдодашуда ва асосноккунии онҳо муаллиф дар рисолаи илмии хеш бандҳои зеринро ба таври фишурда ҳамчун нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон додааст (саҳ.11):

-дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда консепсияи илмии низоми танзими молиявӣ таҳия гардида, моҳияти иқтисодӣ ва механизмҳои амалисозии он муайян карда шудаанд.

Вобаста ба муқаррароти якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф дар асоси омӯзиши назарияҳои мактабҳои иқтисодӣ ва таҳлили равандҳои молиявӣ консепсияи мукаммали низоми танзими молиявиро таҳия намуда, моҳияти иқтисодӣ, мақсад ва вазифаҳо, принсипҳои ташаккул ва фаъолияти он, унсурҳои таркибӣ, робитаҳои мутақобилаи байни онҳо, инчунин маҷмуи усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои иқтисодии таъмини амалисозии самараноки низоми мазкур аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд.

- дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф принсипҳо ва усулҳои танзими молиявиро ҳамчун унсурҳои асосии таъмини рушди иқтисоди миллӣ пешниҳод намудааст.

Муаллиф қайд намудааст, ки принсипҳо ва усулҳои танзими молиявӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ, татбиқи сиёсати андозию буҷетӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ ҳамчун омилҳои калидии рушди иқтисоди миллӣ баромад менамоянд, натиҷабахшии онҳо на танҳо аз дуруст интихоб ва татбиқ гардидани механизмҳои молиявӣ, балки аз сатҳи рушди муҳити иқтисодӣ, устувории заминаи ҳуқуқӣ, самаранокии фаъолияти институтҳои давлатӣ ва шароити мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ вобастагии мустақим дорад.

- дар нуктаи сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф исбот намудааст, ки рушд ва такмили минбаъдаи механизми танзими молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба таҳкими суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаю самараноки захираҳои молиявӣ ва афзоиши имкониятҳои рушди босуръати иқтисоди миллӣ замина гузорад.

Доир ба нуктаи зикршуда муаллиф чунин мешуморад, ки такмил ва рушди минбаъдаи механизмҳои танзими молиявӣ ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии захираҳои молиявӣ, таъмини мувозинати буҷети давлатӣ ва таҳкими суботи макроиқтисодӣ мусоидат менамояд. Дар ин замина, имкониятҳои молиявии давлат барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, ҷалби сармоягузорӣ, густариши истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ мегарданд.

- дар нуктаи чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф модели илмии такмили механизми танзими молиявии рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия намудааст ва ҳамзамон роҳҳои оптимизатсия ва дурнамои рушди онро пешниҳод намудааст.

Дар таҳияи модели илмии мукаммали пешниҳоднамудаи муаллиф механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани робитаи мутақобилаи воситаҳои молиявӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ ва асоснок намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ нишон дода шудааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки такмил ва дурнамои рушди минбаъдаи механизмҳои мазкур бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисоди миллӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мушаххасоти таҳқиқоти илмиро ба таври мукаммал дар бар гирифта, ҳамзамон, натиҷаҳои онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта, пеш аз ҳама, бо истифодаи заминаи назариявӣ ва методологии таҳқиқот, истифодаи маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин маълумотҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, истифодаи усулҳои илмии таҳқиқот, ба монанди усулҳои таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои моделсозии иқтисодӣ-математикӣ, усулҳои муқоисавӣ, усулҳои гурӯҳбандӣ ва усулҳои экспертӣ, таҳлили натиҷаҳои таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, истифодаи усулҳои мантиқӣ, диалектикӣ ва системавӣ, ҳамчунин муқоисаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмии муаллиф бо натиҷаҳои таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ асоснок гардидаанд. Ҳамзамон, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва мутобиқати онҳо ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар ин самт тақвият меёбад. Дар баробари ин, асоснокии хулосаҳои илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки онҳо дар натиҷаи таҳлили робитаи мутақобилаи сиёсати молиявии давлат бо нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, аз ҷумла ММД, даромаду харочоти буҷети давлатӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ, сатҳи таваррум, қарзи давлатӣ ва рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт ташаккул ёфтаанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ба устувории молиявӣ ва рушди иқтисодии мамлакат ба таври воқеъбинона арзёбӣ карда шавад.

Тавсияҳои амалии дар диссертатсия пешниҳодгардида ба ҳалли масъалаҳои мубрами танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла такмили механизми ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявии давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати буҷетию андозӣ, беҳтар намудани идоракунии қарзи давлатӣ, рушди бозори молиявӣ, ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва тақвияти дастгирии молиявии бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт равона шудаанд.

Ҳамзамон, хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқотӣ бо дарназардошти хусусиятҳои сохтории иқтисодиёти миллӣ, имкониятҳои молиявии давлат, зарурати таъмини рушди устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар таҳия гардидаанд. Мазмун ва самти амалии тавсияҳо имконият медиҳанд, ки онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, аз ҷумла Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар

сохторҳои марбута ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсати молиявию иқтисодӣ мавриди истифода қарор гиранд.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.

Ҳаҷми диссертатсия 197 саҳифаи чопии компютериро ташкил медиҳад, ки он аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, 164 номгӯйи рӯйхати адабиёти истифодашуда, 14 расм, 18 ҷадвал ва 6 диаграмма иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар шароити муосири рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Дараҷаи омӯзиши илмии масъалаҳои танзими молиявии рушди иқтисодӣ дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети он муайян карда шудаанд. Асосҳои назариявию методологӣ ва усулҳои илмии таҳқиқот, инчунин сарчашмаҳои иттилоотии истифодашуда нишон дода шудаанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар самти омӯзиш ва такмили механизмҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ асоснок гардидааст. Аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин имкониятҳои истифодаи онҳо дар такмили сиёсати молиявии давлат муайян карда шудааст. (саҳ. 4-14).

Дар боби якуми кори диссертатсионӣ, ки **«Асосҳои назариявию методии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир»** номгузорӣ шудааст, муаллиф масъалаҳои бунёдии назариявӣ, методологӣ ва амалии танзими молиявии иқтисодиётро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Боби мазкур ба муайян намудани моҳияти иқтисодӣ ва хусусиятҳои танзими молиявӣ, омӯзиши заминаҳои назариявию методологии ташаккул ва татбиқи механизмҳои он, муайян кардани принсипҳо ва усулҳои асосии танзими молиявӣ, инчунин таҳлили таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар ин самт бахшида шудааст (саҳ. 15-63).

Дар зербоби якуми боби якум масъалаҳои назариявии танзими молиявии рушди иқтисодиёт, моҳияти иқтисодӣ, мазмун ва хусусиятҳои асосии он мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар ин қисмат моҳияти “танзими молиявӣ” дар ҷадвали 1.1, саҳ.18-19 аз ҷониби олимону коршиносони ватанӣ ва хориҷӣ шарҳу тавзеҳ дода шудааст ва ҳамзамон дар ҷадвали зикршуда ақидаи муаллифи ба маврид баён шудааст.

Дар натиҷа, дар зербоби мазкур заминаҳои назариявии дарки танзими молиявӣ ҳамчун механизми муҳими таъсиррасонии давлат ба рушди иқтисодиёт муайян карда шуда, аҳаммияти он дар таъмини мувозинати макроиқтисодӣ, рушди истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 15-32).

Дар зербоби дуюми боби якум асосҳои методологӣ, равишҳои илмӣ, усулҳо ва принсипҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёт мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Моҳияти ин қисмат аз муайян намудани асосҳои илмӣ ва методии ташаккул, ташкил ва татбиқи механизмҳои

танзими молиявӣ, инчунин муайян намудани шарту омилҳои таъмини самаранокии онҳо иборат мебошад. Ҳамзамон, дар расми 1.2, саҳ. 38-уми рисола муаллиф принсипҳои асосии танзими молиявии иқтисодиётро пешниҳод намудааст, ки он ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар баробари ин, дар расми 1.3, саҳ.42 усулҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ нишон дода шудааст, ки ин ҳам ба арзиши илмии зербоби мазкур таъсири мусбат расонидааст.

Ҳамин тариқ, дар зербоби мазкур заминаҳои методологӣ ва принсипҳои асосии ташаккули низоми самараноки танзими молиявӣ муайян гардида, аҳаммияти истифодаи равишҳои илмӣ ва усулҳои муосири танзими молиявӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёт асоснок карда шудааст (саҳ. 32-46).

Дар зербоби сеюми боби якум муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба ташаккул, ташкил ва татбиқи механизмҳои танзими молиявии иқтисодиёт мавриди омӯзиш ва таҳлили муқоисавиро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мақсади асосии ин қисмат муайян намудани хусусиятҳои моделҳои гуногуни танзими молиявӣ, ошкор намудани таҷрибаҳои самараноки кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ, инчунин муайян кардани имкониятҳои истифодаи онҳо бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад. Дар ин қисмат инчунин, модели англосаксонии танзим (ИМА ва Британияи Кабир), модели континенталии танзим (Олмон ва Фаронса) ва модели танзими осиёӣ (кишварҳои Осиё аз қабили Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, ҶХЧ ва кишварҳои ИДМ (Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон)-ро муаллиф мавриди таҳлил қарор додааст.

Ба масъалаи омӯзиши таҷрибаи кишварҳое, ки дар натиҷаи татбиқи сиёсати мақсадноки молиявӣ ба нишондиҳандаҳои баланди рушди иқтисодӣ, диверсификатсияи истеҳсолот, рушди иқтидори содиротӣ ва таҳкими рақобатпазирии миллӣ ноил гардидаанд, диққати махсус дода шудааст (саҳ. 46-63).

Ҳамин тариқ, муаллиф дар боби якуми рисола, ки таҳти унвони «Асосҳои назариявию методии танзими молиявии иқтисодиёт дар шароити муосир» номгузорӣ шудааст, маҷмӯи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва таҷрибавии марбут ба танзими молиявии рушди иқтисодиётро мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия **таҳти унвони «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири самаранокии танзими молиявии рушди иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** яке аз қисмҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафта, муаллиф ба омӯзиши ҳамаҷонибаи вазъи воқеии низоми танзими молиявӣ, муайян намудани тамоюлҳои асосии рушди он, арзёбии самаранокии механизмҳо ва фишангҳои молиявӣ, инчунин таҳлили фаъолияти институтсионалии субъектҳои танзими молиявӣ таваҷуҳ зоҳир намудааст. Муаллиф бо мақсади таҳлили вазъи муосири танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани натиҷаҳои

татбиқи сиёсати молиявӣ, ошкор намудани мушкилоту маҳдудиятҳои мавҷуда ва арзёбии нақши институтҳои молиявӣ дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ боби мазкурро мавриди таҳлил қарор доодаст. (саҳ.64-123).

Дар зербоби якуми боби дуюм вазъи муосири низоми танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст. Дар ин қисмат равандҳои асосии ташаккул ва истифодаи захираҳои молиявӣ, хусусиятҳои сиёсати молиявию буҷетӣ, андозбандӣ, қарздиҳӣ ва сармоягузорӣ аз ҷониби муаллиф таҳқиқ карда шудааст. Ҳамзамон, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (саҳ.67), таҳлили даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ (саҳ. 71,76), вазъи касри буҷет ва сарчашмаҳои маблағгузории он, омӯзиши тамоюлҳои ташаккул ва тақсимоти захираҳои молиявии давлатӣ, таҳлили сиёсати андоз ва таъсири он ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди соҳибкорӣ (саҳ.72), арзёбии вазъи низоми бонкӣ, қарздиҳӣ ва нақши он дар маблағгузории соҳаҳои иқтисодиёт, таҳлили сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ, муайян намудани тамоюлҳои мусбат ва омилҳои маҳдудкунандаи самаранокии танзими молиявӣ ба пуррагӣ баррасӣ гардидаанд. (саҳ.64-86).

Зербоби дуюми боби дуюм ба арзёбии самаранокии механизмҳо ва фишангҳои амалкунандаи танзими молиявӣ бахшида шудааст. Дар ин қисмат муаллиф дараҷаи таъсирбахшии механизмҳои молиявиро ба рушди иқтисоди миллӣ муайян намудааст. Самтҳои асосии таҳқиқот, ки дар зербоби дуюм оварда шудаанд, инҳо мебошанд: арзёбии самаранокии сиёсати буҷетӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллӣ; таҳлили самаранокии сиёсати андоз ва нақши он дар ташаккули даромадҳои буҷети давлатӣ; арзёбии таъсири сиёсати қарзӣ ва фоизӣ ба рушди истеҳсолот, соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ; муайян намудани омилҳое, ки ба баланд ё паст гардидани самаранокии механизмҳои танзими молиявӣ таъсир мерасонанд. (саҳ.86-102).Боиси қайд мебошад, муаллиф дар расми 2.1, саҳ. 81 механизми фаъолияти низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра шарҳ додааст.

Зербоби сеюми боби дуюм ба омӯзиши фаъолияти институтҳои танзими молиявӣ ва муайян намудани нақши онҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин қисмат фаъолияти мақомоти давлатӣ ва институтҳои молиявӣ, ки дар таҳия, татбиқ ва назорати сиёсати молиявӣ иштирок менамоянд, аз қабили Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - дар самти таҳия ва татбиқи сиёсати буҷетию молиявӣ, идоракунии маблағҳои давлатӣ ва назорати иҷрои буҷет, Бонки миллии Тоҷикистон - дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, танзими низоми бонкӣ ва таъмини устувории молиявӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ ва институтҳои молиявӣ, ки дар раванди танзими молиявии иқтисоди миллӣ иштирок менамоянд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (саҳ. 102-123).

Боби сеюми диссертатсия – «Самтҳои такмили танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» ба таҳқиқи масъалаҳои такмили низоми танзими молиявии иқтисодиёти миллӣ, муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии механизмҳои молиявии давлатӣ ва асоснок намудани дурнамои рушди онҳо дар давраи то соли 2030 бахшида шудааст (саҳ. 124-170).

Дар зербоби якуми боби сеюм масъалаҳои самтҳои асосии танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир, мушкилоти асосӣ ва самтҳои афзалиятноки такмили идоракунии молияи давлатӣ дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», сохтори «Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ, тақвияти нақши сиёсати андозӣ дар ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд (саҳ. 124-139).

Дар зербоби дуюми боби сеюм муаллиф масъалаҳои вобастагии усулҳои танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ, самтҳои асосии танзими буҷетӣ ва андозӣ (сиёсати фискалӣ), усулҳои сиёсати пулию қарзӣ, востиҳои асосии сиёсати пулию-қарзӣ, танзими молиявӣ тавассути Бонки миллии Тоҷикистон, сиёсати макропруденсиалӣ ва нақши БМТ дар танзими молиявии мамлакатро мавриди таҳқиқ қарор додааст (саҳ. 139-156).

Дар зербоби сеюми боби сеюм масъалаҳои муайян намудани самтҳои стратегии рушди низоми молиявӣ, арзёбии имкониятҳои молиявии иқтисодиёти миллӣ, таҳлили регрессионнӣ ва коррелятсионии нишондиҳандаҳои молиявии кишвар барои моделсозӣ ва дурнамои такмили сиёсати молиявии давлат то соли 2030 таҳқиқ гардидаанд. Дар ин қисмат ба муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва таъмини устувории молиявӣ диққати махсус дода шудааст. Ҳамзамон, самтҳои афзалиятноки такмили танзими молиявӣ дар заминаи ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва дурнамои рушди механизмҳои молиявӣ дар давраи то соли 2030 асоснок карда шудааст (саҳ. 156-170).

Дар хулосаи диссертатсия муаллиф натиҷаҳои асосии таҳқиқоти назариявӣ ва амалии танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир ҷамъбаст намуда, нақши механизмҳои молиявӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудааст. Самаранокии сиёсати буҷетию андозӣ, идоракунии захираҳои молиявии давлатӣ, фаъолияти низоми бонкӣ ва ҷалби сармоягузориҳо ҳамчун омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ арзёбӣ гардидаанд. Дар асоси таҳлили вазъи молиявию иқтисодии кишвар мушкилоти мавҷудаи низоми танзими молиявӣ муайян ва роҳҳои бартараф намудани онҳо пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, самтҳои асосии такмили сиёсати молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ ва рушди механизмҳои маблағгузории соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт асоснок

гардидаанд. Дар натиҷа, пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми танзими молиявӣ бо мақсади таҳкими устувории иқтисодӣ ва таъмини рушди дарозмуддати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти илмии таҳқиқоти диссертатсияи Сабурзода Фариуни Мирзоали дар рушди асосҳои назариявию методологии танзими молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ, муайян намудани хусусиятҳо ва қонуниятҳои таъсири механизмҳои молиявӣ ба равандҳои макроиқтисодӣ, инчунин асоснок намудани самтҳои афзалиятноки такмили сиёсати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир ифода ёфтааст. Арзиши назариявии таҳқиқот дар мукаммалсозии механизмҳои танзими буҷетию андозӣ, қарзӣ ва сармоягузорӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои молиявӣ ва таъмини устувории низоми молиявии кишвар ифода ёфтааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот бо имконияти истифодаи натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида дар фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ, бахусус сохторҳои масъули таҳия ва татбиқи сиёсати молиявию иқтисодӣ, инчунин муассисаҳои молиявию қарзӣ алоқаманд мебошад. Пешниҳодҳои муаллифии таҳиягардида метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, такмили механизми ташаккул ва истифодаи буҷети давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии низоми андозбандӣ, идоракунии қарзи давлатӣ ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки маблағгузории соҳаҳои иқтисоди миллӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар муайян ва асоснок намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад. Татбиқи тавсияҳои таҳияшуда метавонад ба беҳтар намудани тақсимоти захираҳои молиявӣ, таҳкими иқтидори даромаднокии буҷети давлатӣ, ҳавасмандгардонии сармоягузории дохилию хориҷӣ, рушди истеҳсолоти миллӣ, дастгирии соҳибкорӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт ва коҳиш додани нобаробариҳои минтақавии иқтисодӣ мусоидат намояд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки такмили механизмҳои танзими молиявӣ барои таҳкими заминаҳои молиявии маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи даромад ва некӯаҳволии аҳолӣ, коҳиш додани нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагии шаҳрвандон имконият фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он таҷассум меёбад, ки натиҷаҳои он ба такмили низоми танзими молиявии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими устувории

макроиқтисодӣ, истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар дар шароити муосир равона гардидаанд.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Вобаста ба маводи таҳқиқотшудаи диссертатсия 13 номгӯй маводи илмию амалӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, чоп шудаанд. Шумораи мақолаҳои тақризшаванда ва таъйиди натиҷаҳо ба талаботи ҷойдошта ҷавобгуй мебошанд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқаррарғардида

Кори диссертатсионӣ бо риояи талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ омода карда шудааст.

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд. Автореферати кори диссертатсионӣ низ бо риояи талаботи дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ омода карда шудааст.

Дар баробари баҳои мусбате, ки дар тақриз оварда шудааст, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо, эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки ба инҳо дохил мешаванд:

1. Довталаби дараҷаи илмӣ дар расми 1.3 (саҳ.42) усулҳои асосии танзими молиявии рушди иқтисоди миллиро пешниҳод намудааст, ки хеле хуб мебошад. Вале агар довталаби дараҷаи илмӣ дар радифи усулҳои маъмулии танзими молиявӣ, усулҳоеро, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ ҳангоми танзими молиявӣ истифода мешаванд, нишон медод, мазмуну моҳияти усулҳои пешниҳодгардида боз ҳам мукаммалтар мегардид.

2. Муаллиф дар зербоби 1.3 (саҳ. 46–62) таҷрибаи хориҷии танзими молиявии иқтисодиётро дар шароити муосир мавриди пажӯҳиш қарор додааст, ки қобили пазироист. Вале муаллиф дар радифи таҷрибаи мамлакатҳои таҳқиқгардида, бояд таҷрибаи мамлакати Чили (Қоидаи буҷетӣ), Иттиҳоди Аврупо (Танзими касри буҷет ва қарзи давлатӣ) ва Зеландияи Нав (Ҳадафгузории таваррум) – ро низ мавриди пажуҳиш қарор медод, ҷанбаи амалии пешниҳодҳо метавонист боз ҳам тақвият ёбад.

3. Муаллиф иброз намудааст, ки яке аз самтҳои муҳимми такмили низоми танзими молиявии давлатӣ таҳкими минбаъдаи заминаи меъёриву ҳуқуқӣ мебошад (саҳ. 85), ки боиси дастгирист, вале дар навбати худ нақши давлат ва сохторҳои он (Вазорати молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва ғайра) дар танзими низоми молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таҳлил нашудаанд.

4.Дар зербоби 3.1 (саҳ. 135) муаллиф баён намудааст, ки тақвият бахшидани пардохтҳои ғайринақдӣ метавонад дар баланд бардоштани самаранокии танзими молиявӣ таъсири мусбат расонад, вале агар андешаи мазкур бо истифода аз нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба пардохтҳои ғайринақдӣ асоснок карда мешуд, ҷанбаи амалии пешниҳодҳо боз ҳам қавӣ мегардид.

5. Муаллиф танзими молиявиро тавассути Бонки миллии Тоҷикистон, дар расми 3.7. (саҳ. 150) нишон додааст, вале хуб мешуд, агар муаллиф татбиқи амалии механизмҳои танзимкунандаеро, ки дар расми номбаргардида овардааст дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мисолҳои мушаххас асоснок менамуд.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш надода ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сабурзода Фаридуни Мирзоали дар мавзуи «Танзими молиявии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, № 591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он Сабурзода Фаридуни Мирзоали барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба тарбияи факултети молияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Чиллаев С.Н.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ С.Н. Чиллаев –ро тасдиқ менамоям:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБСҶТ Ҷураев Ш.Н.

Суроғаи ҳуқуқии муассиса:
734055, ш.Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел: (+992 37) 23488024; (+992 37) 2348824
E-mail: info@iutet.tj

«19» 11 2026 с.